## ЗАРУРАТИ ИСТИФОДАИ СОМОНАИ МАРКАЗ ВА КАБИНЕТИ ИНФИРОДИИ ДОВТАЛАБ ДАР ЧИСТ?

Истифодаи сомонаи Марказ ва кабинети инфиродӣ роҳи осони дастрас намудани маълумоти зарур ва мушаххас барои довталаб аст.

**Сомонаи Марказ** (расми 2) дар шабакаи Интернет бо нишонии **www.ntc.tj** дастрас аст. Дар он оид ба ҳама масъалаҳои алоқаманд ба Марказ ва ИМД маълумоти даркорӣ ҷойгир ва мунтазам нав карда мешавад. Донистани онҳо барои довталабон ва алоқамандони ИМД муҳим аст.




**Расми 2.** Саҳифаи асосии сомонаи Марказ

Майдони асосии сомона (қисми 2-юми расми 2-юм) барои эълону хабарҳо ва дигар матлабҳои тоза дар бораи имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ, ки мунтазам ҷойгир ва нав карда мешавад, пешбинӣ шудааст.

Бахши "ИМД" дар сатри менюи сомона (қисми 1-уми расми 2-юм) маълумот ва маводи ба низоми имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ дахлдорро дар бар мегирад.

Эълонҳои тозаю муҳимро ба воситаи бахши "Эълонҳо" (қисми 3-юми расми 2-юм) низ дастрас кардан мумкин аст.

Дар бахши "Ба довталаб" мавод ва маълумоти зарурӣ барои омодашавӣ ва иштироки довталаб дар ҳар марҳалаи имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ ҷойгир карда шудааст. Аз ин бахш довталаб имкони дастрас кардани вариантҳои электронии дастури иттилоотию методии "Роҳнамои довталаб", маҷмӯаҳои саволу масъалаҳои тест, маводи ёрирасон барои фанҳои имтиҳон (формулаҳои асосӣ, ҷадвалҳо ва ғайра), тартибу тавсияҳои методӣ, барномаҳои имтиҳон аз фанҳои имтиҳон ва ғайраро дорад. Рӯйхати пурраи муассисаҳои таълимии ба низоми ИМД дохилшуда, нақшаи қабули донишҷӯён ба муассисасаҳои таълимӣ (ҷадвали ихтисосҳо) дар соли

баргузории ИМД, рӯйхати ихтисосҳои имтиҳонҳои эҷодӣ ва маҳорати махсус талабмекардаро низ довталаб метавонад аз ин бахш пайдо намояд. Ҷавобҳои дуруст (калидҳо)-и саволу масъалаҳои тест дар ду давр: пас аз анҷоми имтиҳонҳои қисмҳои А (имтиҳони умумӣ) ва АБ-9 (имтиҳон барои шахсони дорои таҳсилоти умумии асосӣ) ва баъди анҷоми имтиҳони қисми Б (имтиҳони ихтисос) дар ин бахши сомона ба нашр мерасанд. Ин ба довталаб имкон медиҳад, ки ӯ дар асоси китобча(ҳо)и тести дар даст доштааш, варақа(ҳо)и ҷавобҳояш, ки дар кабинети инфиродияш гузошта шудаанд ва ҷавобҳои дурусти нашршуда холҳояшро аз ҳар субтести имтиҳон мустақилона ҳисоб кунад.

Аз бахши "Саволҳои маъмул" довталаб баъзе маълумоти умумӣ ва муфидро (ҳамчун ҷавоб ба саволҳои маъмулӣ) дар бораи низоми имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ гирифта метавонад.

Агар довталаб дар бораи низоми имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ суоле кардан хоҳад, метавонад аз бахши "Саволу ҷавобҳо" истифода барад. Дар ин бахш ба саволҳои пешниҳодшуда мутахассисони Марказ ҷавобҳои дақиқ ва мушаххас медиҳанд. Ба довталаб тавсия дода мешавад, ки пеш аз саволе додан дар бахши "Саволҳои маъмул" бо саволу ҷавобҳои пештар нашргардида шинос шавад, то ки саволҳои мавҷударо такроран надиҳад.

**Кабинети инфиродӣ** сарчашмаи маълумот оид ба натиҷаҳои иштироки довталаб дар имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ буда, дар давоми 2-3 рӯзи пас аз бақайдгирӣ фаъол мегардад. Баъди фаъол шудани кабинети инфиродӣ довталаб бо дохил кардани рақами назоратӣ ва рамзи муваққатӣ онро мекушояд.

Вобаста аз ҳар марҳалаи ИМД довталаб аз кабинети инфиродии худ метавонад маълумоти зеринро ба даст орад:

- маълумоти инфиродӣ;
- нусхаи даъватнома;
- гурӯҳи ихтисосҳо ва комбинатсияҳои ихтисосҳои интихобнамуда аз рӯйи муассисаҳои таълимӣ, шакл, намуд ва забони таҳсил мувофиқи бартарии онҳо;
- ҷадвали баргузории имтиҳонҳо;
- нусхаи варақаҳои ҷавобҳои ҳар қисми имтиҳон;
- натиҷаҳои имтиҳонҳо:
  - хол ва балҳои ҳар субтест;
  - хол ва бали имтиҳони эҷодӣ ва (ё) маҳорати махсус (агар чунин имтиҳонро супорида бошад);
  - балҳои имтиёз (агар дошта бошад);
- натиҷаи тақсимот ва ғайра.

**Шартҳои истифодаи кабинети инфиродӣ:**

1) доштани малакаи истифодаи шабакаи Интернет;
2) пайвастшавӣ ба шабакаи Интернет ба воситаи компютер ё телефони мобилӣ;
3) донистани рақами назоратӣ ва рамзи воридшавӣ ба кабинети инфиродӣ (рақами назоратӣ ва рамзи муваққатӣ дар варақаи бақайдгирии довталаб ҷой дода мешавад);
4) доштани почтаи электронӣ барои барқарор кардани рамзи воридшавӣ ба кабинети инфиродӣ ҳангоми фаромӯш кардани рамз;
5) риояи талаботи бехатарии иттилоот, махсусан, махфӣ нигоҳ доштани рамзи воридшавӣ ба кабинети инфиродӣ.

## Тарзи истифодаи кабинети инфиродӣ

Барои ворид шудан ба кабинети инфиродӣ довталаб метавонад аз сомонаи Марказ ё саҳифаи воридшавӣ ба кабинети инфиродӣ, ки нишонии онҳо дар расми 3 оварда шудааст, истифода барад.




**Расми 3.** Нишонии сомонаи Марказ
ва саҳифаи воридшавӣ ба кабинети инфиродӣ

Дар сурати истифода бурдани сомонаи Марказ барои воридшавӣ ба кабинети инфиродӣ довталаб бояд дар саҳифаи асосии сомона аз қисми тугма-пайвандҳо (расми 4) банди “4. Кабинети инфиродӣ”-ро интихоб намояд.




**Расми 4.** Тугма-пайвандҳои сомонаи Марказ

Равзанаи воридшавӣ ба кабинети инфиродӣ аз майдон ва унсурҳои зерин иборат аст (расми 5), ки онҳо чунин вазифаҳоро доранд:




**Расми 5.** Равзанаи воридшавӣ ба кабинети инфиродӣ

- майдони “Номи корбар” барои дохил кардани рақами назоратӣ;
- майдони “Рамз” барои ворид кардани рамзи воридшавӣ ба кабинети инфиродӣ;
- майдони “Забон” барои интихоби забони корӣ (интерфейс)-и кабинети инфиродӣ;
- тугмаи “Воридшавӣ” барои дохил шудан ба кабинети инфиродӣ (пас аз ворид кардани номи корбар, рамз ва интихоб намудани забони корӣ пахш карда мешавад);

- пайванди “Рамзро фаромӯш кардед?” барои барқарор кардани рамзи фаромӯшшуда. Баъди пахши ин пайванд довталаб рақами назоратӣ ва нишонии почтаи электронияшро, ки дар вақти бақайдгирӣ нишон дода буд, дар равзанаи зарурӣ бояд дохил кунад. Пас аз ин ба почтаи электронии довталаб рамзи муваққатии нав меояд, ки онро барномаи компютерӣ ба таври худкор (автоматӣ) тартиб медиҳад.

**Ба Шумо тавсия медиҳем, ки то давраи бақайдгирӣ барои худ почтаи электронӣ кушоед ва онро ҳангоми бақайдгирӣ нишон диҳед. Зеро танҳо бо истифода аз нишонии почтаи электронии дар системаи иттилоотӣ сабтгардида имкони барқарор кардани рамзи воридшавӣ ба кабинети инфиродӣ вуҷуд дорад.**

Бояд дар хотир дошт, ки воридшавӣ ба кабинети инфиродӣ танҳо бо дохил кардани рақами назоратӣ ва рамзи дуруст имкон дорад. Бинобар ин **дар вақти дохил кардани маълумот довталаб бояд ба дуруст дохил кардани ададҳо ва ҳарфҳои хурду калони англисӣ диққати ҷиддӣ диҳад.**

Бори нахуст, пеш аз ворид шудан ба кабинети инфиродӣ, бо дохил кардани рақами назоратӣ ва рамзи муваққатӣ система аз довталаб иваз кардани рамзро талаб менамояд. Пас аз дохил кардани рақами назоратию рамзи муваққатӣ ва пахш кардани тугмаи “Воридшавӣ” равзанаи “Лутфан, рамзи худро иваз намоед!” (расми 6) пайдо мешавад. Дар ин равзана, ки аз 3 майдон ва 1 тугма иборат аст, довталаб дар майдони “Рамз” рамзи муваққатӣ ва дар майдонҳои “Рамзи нав” ва “Тасдиқи рамзи нав” рамзи нави худро дар ҳар ду майдон дохил карда, тугмаи “Сабт”-ро пахш мекунад. Дар майдонҳои “Рамзи нав” ва “Тасдиқи рамзи нав” рамз бояд **айнан як хел** дохил карда шавад. Ҳамин тавр система рамзи навро барои дар оянда истифода кардани кабинети инфиродӣ сабт менамояд.




**Расми 6.** Равзанаи иваз намудани рамз

**!**

**Иваз намудани рамзи муваққатӣ ва махфӣ нигоҳ доштани рамзи нав ҳатмист! Дар хотир бояд дошт, ки дар ҳолати рақами назоратӣ ва рамзи кабинети инфиродиатонро донистани шахси дигар ӯ метавонад баосонӣ вориди ин кабинет гардида, рамзро иваз намояд ва Шуморо аз истифодаи минбаъдаи кабинети инфиродӣ маҳрум созад ё бо ҳар роҳ фиребатон диҳад.**

Пас аз дуруст дохил кардани маълумоти зарурӣ дар майдонҳои мувофиқ ва пахши тугмаи дахлдор кабинети инфиродии довталаб кушода мешавад (расми 7), ки он аз 2 қисм: идоракунӣ (қисми 1-уми расми 7-ум) ва асосӣ (қисми 2-юми расми 7-ум) иборат аст.




**Расми 7.** Кабинети инфиродии довталаб

Дар қисми идоракунӣ ном ва нишонаи Марказ, номи пурраи довталаб, тугма-пайвандҳои идоракунӣ (“Баромадан” ва “Танзим”) ҷой дода шудаанд. Дар ин қисм тугма-пайвандҳои “Маълумоти инфиродӣ”, “Ихтисосҳо”, “Ҷадвали имтиҳонҳо”, “Нусхаи варақаҳои ҷавобҳо”, “Натиҷаи имтиҳонҳо” ва “Натиҷаи тақсимот” низ ҷой доранд, ки онҳо барои дастрас кардани маълумоти мувофиқ истифода мешаванд.

Барои бехатарии иттилоот ва дастнорас гаштани кабинети инфиродӣ ба шахсони бегона довталаб бояд пас аз анҷоми кораш бо пахши тугма-пайванди “Баромадан” аз кабинети инфиродӣ барояд.

Тугма-пайванди “Танзим” барои тағйир додан ва ба танзим даровардани кори кабинети инфиродӣ истифода мешавад, масалан, барои иваз кардани рамзи воридшавӣ ба кабинети инфиродӣ.

> **!** **Баъди анҷоми кор дар кабинети инфиродӣ пахш кардани тугма-пайванди “Баромад” ҳатмист, то ки кори кабинети инфиродӣ поён ёфта, воридшавӣ ба он барои дигарон имконнопазир гардад.**

Дар қисми асосӣ вобаста аз ҳар яке аз 6 тугма-пайванди интихобшаванда маълумоти мувофиқ пешниҳод мегардад. Ин равзанаҳоро муфассал шарҳ медиҳем.

Равзанаи “Маълумоти инфиродӣ” (расми 8) ҳангоми воридшавӣ ба кабинети инфиродӣ кушода шуда, дар он маълумоти инфиродии довталаб (расм, рақами назоратӣ, номи пурра, санаи таваллуд, муассисаи таълимӣ (мактаб), ҷойи истиқомат, намуди ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсият ва силсилаю рақами он, нишонии почтаи электронӣ ва рақами телефони мобилӣ) гузошта мешавад. Дар ин равзана нусхаи даъватномаи довталаб дар шакли файли “.pdf” низ дастрас аст.

Зарурати истифодаи сомонаи марказ ва кабинети инфиродии довталаб дар чист?



Рақами назоратӣ: 1011015000045
Номи пурра: Раҳимзода Суҳроби Даврон
Санаи таваллуд: 06-07-1998
Муассисаи таълимӣ (мактаб): Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №17
Ҷойи истиқомат: ноҳияи Шаҳринав, ҷамоати Чуст, деҳаи Хоҷагулпуш
Намуди ҳуҷҷат: Шиносномаи шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон
Силсила ва рақами ҳуҷҷат: A8343446
Почтаи электронӣ (e-Mail): rahimzoda_suhrob_d@mail.ru
Телефони мобилӣ: (+992) 98-808-26-62
Даъватнома: 178373.pdf

НАМУНА

Маркази миллии тестии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
ИМТИҲОНҲОИ МАРКАЗОНИДАИ ДОХИЛШАВӢ – 2015

ДАЪВАТНОМА
№ 178373

*Раҳимзода Суҳроби Даврон*

A8343446

Рақами назоратӣ: *1011015000045*

НАМУНА

ҶАДВАЛИ БАРГУЗОРИИ ИМТИҲОНҲО № 178373

| Имтиҳон | Макон | Замон | Қайд |
|---|---|---|---|
| *Эҷодӣ ва маҳорат* | *ДДСТ ба номи М. Турсунзода (шаҳри Душанбе, хиёбони Борбад, 73а)* | *то 20.06.2015* | *ҳозиршавӣ* |
| *Қисми А* | *Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №34 (ш. Душанбе, н. И. Сомонӣ, хиёбони Рӯдакӣ, 149)* | *03.07.2015, 09:00* | |
| *Қисми Б* | *Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №34 (ш. Душанбе, н. И. Сомонӣ, хиёбони Рӯдакӣ, 149)* | *09.07.2015, 09:00* | |

***Ёддошт:*** *ҳозир шудан ба макони имтиҳонсупорӣ 1 соату 30 дақиқа пеш аз оғози имтиҳонҳо ва бо худ доштани шиноснома, даъватномаи мазкур ва ду ручкаи одии рангаш сиёҳро фаромӯш накунед!*

НАМУНА

**Расми 8.** Равзанаи “Маълумоти инфиродӣ”

| | |
|---|---|
| ☝ | **Нусхаи даъватномаи довталаб дар кабинети инфиродияш дар шакли файли “.pdf” ҷойгир карда мешавад, ки онро довталаб метавонад барои худ сабт ва чоп кунад.** **Барои кушодан, хондан ва чопи файли даъватнома довталаб метавонад аз барномаи компютерии ройгони Adobe Acrobat Reader истифода барад.** |

Дар равзанаи “Ихтисосҳо” (расми 9) маълумот оид ба комбинатсия(ҳо)и ихтисос(ҳо)и дар давраи бақайдгирӣ интихобкардаи довталаб: бартарии интихоб, рамз ва номи ихтисос(ҳо), муассиса(ҳо)и таълимӣ, шакл ва намуди таҳсил дар ихтисос(ҳо)и интихобгардида бо назардошти забони таҳсил дар он(ҳо) оварда мешавад.

Гурӯҳи ихтисосҳо (кластер): **«3 - Филология, педагогика ва санъат»**

| Бартарии интихоб | Ихтисос | Муассисаи таълимӣ | Намуди таҳсил | Шакли таҳсил | Мавҷудияти забони таҳсил |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 102030604 - Забони фаронсавӣ. Забони англисӣ | ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ | ройгон | рӯзона | тоҷикӣ |
| 2 | 1230108 - Рӯзноманигорӣ | ДМТ | ройгон | рӯзона | тоҷикӣ, русӣ |
| 3 | 102030602 - Забони олмонӣ. Забони англисӣ | ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ | ройгон | рӯзона | тоҷикӣ |
| 4 | 121060102 - Забонҳои муосири хориҷӣ (забони англисӣ-тарҷумон) | ДМТ | ройгон | рӯзона | тоҷикӣ |
| 5 | 1020306 - Забони англисӣ | ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ | ройгон | рӯзона | тоҷикӣ |
| 6 | 1230109 - Рӯзноманигории байналмилалӣ | ДМТ | ройгон | рӯзона | тоҷикӣ |
| 7 | 121050208 - Забони хориҷӣ (забони англисӣ) | ДДЗТ ба номи Сотим Улуғзода | ройгон | рӯзона | тоҷикӣ |
| 8 | 1020306 - Забони англисӣ | ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ | пулакӣ | рӯзона | тоҷикӣ, русӣ |
| 9 | 121060102 - Забони англисӣ (тарҷума) | ДДЗТ ба номи Сотим Улуғзода | пулакӣ | рӯзона | тоҷикӣ, русӣ |
| 10 | 1020307 - Забонҳои хориҷӣ (забони англисӣ-хитоӣ) | ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ | пулакӣ | рӯзона | тоҷикӣ |
| 11 | 1230108 - Рӯзноманигорӣ | ДМТ | пулакӣ | рӯзона | тоҷикӣ, русӣ |
| 12 | 1170101 - Санъати актёрӣ | ДДСТ ба номи М. Турсунзода | ройгон | рӯзона | тоҷикӣ |

НАМУНА

**Расми 9.** Равзанаи “Ихтисосҳо”

Дар равзанаи “Ҷадвали имтиҳонҳо” (расми 10) маълумот оид ба баргузории имтиҳонҳое, ки дар онҳо довталаб бояд ҳатман иштирок намояд, оварда мешавад: қисм(ҳо)и имтиҳон(ҳо), марказ(ҳо)и имтиҳон ва нишонии он(ҳо), рӯз ва соати баргузории имтиҳон(ҳо).

Ҷадвали имтиҳонҳо

| № | Имтиҳон | Маркази имтиҳон | Сана | Вақт |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Эҷодӣ ва маҳорат | ДДСТ ба номи М. Турсунзода (шаҳри Душанбе, хиёбони Борбад, 73а) | ҳозиршавӣ то 20-06-2015 | |
| 2 | Қисми А | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №34 (ш. Душанбе, н. И. Сомонӣ, хиёбони Рӯдакӣ, 149) | 03-07-2015 | 09:00 |
| 3 | Қисми Б | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №34 (ш. Душанбе, н. И. Сомонӣ, хиёбони Рӯдакӣ, 149) | 09-07-2015 | 09:00 |

НАМУНА

Эзоҳ:

Қисми А: тести умумӣ аз субтестҳои «Забони тоҷикӣ», «Математика», «Таърихи халқи тоҷик ва асосҳои давлат ва ҳуқуқ»

Қисми Б: тести ихтисос аз субтестҳои «Забон ва адабиёт (тоҷик/рус/ӯзбек)», «Таърих», «Забони хориҷӣ (англисӣ/немисӣ/франсавӣ/арабӣ)»

**Расми 10.** Равзанаи “Ҷадвали имтиҳонҳо”

Дар равзанаи “Нусхаи варақаҳои ҷавобҳо” (расми 11) пайвандҳо ба нусхаи варақа(ҳо)и ҷавобҳои довталаб гузошта шудаанд. Вобаста аз иштироки довталаб дар ин ва (ё) он қисми имтиҳон, масалан, А, Б ё АБ-9, дар равзанаи номбаршуда нусхаи сканершудаи варақа(ҳо)и ҷавобҳои дахлдор ҷойгир карда мешавад. Ин ба довталаб имкон медиҳад, ки ӯ бо нусхаи варақа(ҳо)и ҷавобҳои худ шинос шуда, он(ҳо)ро сабт ва чоп кунад. Довталаб бо истифодаи китобчаи тести дар дасташбуда ва нусхаи варақа(ҳо)и ҷавобҳои тест метавонад ҷавобҳояшро бо ҷавобҳои дурусти саволу масъалаҳои тести дар сомонаи Марказ нашршуда муқоиса намояд ва холҳои аз ҳар субтест бадастовардаашро мустақилона ҳисоб кунад.




**Расми 11.** Равзанаи “Нусхаи варақаҳои ҷавобҳо”

**Аз кабинети инфиродии худ пайваста истифода баред ва бо маълумоти дар он ҷойдошта шинос шавед. Аз ҷумла, баъд аз баргузории имтиҳонҳо нусхаи варақа(ҳо)и ҷавобҳоятонро аз назар гузаронед ва бисанҷед, ки он(ҳо) аз они Шумост.**

**Довталаб метавонад ҳол ва балҳои аз ҳар субтест бадастовардаашро аз рӯйи китобча(ҳо)и тести дар дасташбуда ва маводи сомонаи Марказ ва кабинети инфиродӣ санҷад. Калидҳои саволномаи тест ва ҷадвалҳои мувофиқати ҳолҳо ба балҳо вобаста аз ҳар субтест ва гурӯҳи ихтисосҳо дар сомонаи Марказ ва нусхаи варақа(ҳо)и ҷавобҳои тест дар кабинети инфиродӣ ҷой дода мешавад.**

Дар ин равзана аз рӯйи натиҷаҳои бадастовардаи довталаб ва холҳои гузариши фаннии тасдиқшуда аз ҳар субтести имтиҳон маълумот оид ба роҳ ёфтан ва ё наёфтани довталаб ба озмуни тақсимот низ пешниҳод мегардад: маълумот дар бораи ба озмуни тақсимот роҳ ёфтани довталаб бо матни рангаш сабз ва маълумот дар бораи роҳ наёфтани довталаб бо матни рангаш сурх ҷой дода мешавад.

**Роҳ ёфтан ба озмуни тақсимот (соҳиб шудан ба холҳои гузариши фаннӣ аз ҳамаи субтестҳои дахлдор) ҳанӯз маънои донишҷӯ шудани Шуморо надорад. Танҳо натиҷаи озмуни тақсимот ба муассисаҳои таълимӣ (3-юми август) маълум месозад, ки Шумо донишҷӯ мешавед ё не?!**

**Озмуни тақсимоти довталабон ба муассисаҳои таълимӣ аз рӯйи бали бадастовардаю бартарии ихтисосҳои интихобкардаашон ва нақшаи қабули донишҷӯён ба роҳ монда мешавад.**

Дар равзанаи “Натиҷаи тақсимот” (расми 13) оид ба натиҷаи озмуни тақсимоти довталаб аз рӯйи яке аз ихтисосҳои интихобкардааш маълумот оварда мешавад.

Агар ӯ мувофиқи яке аз ихтисосҳои интихобкардааш ба муассисаи таълимӣ тақсимот шуда бошад, дар ин бора маълумоти мушаххас дода мешавад (бо нишон додани бартарии интихоб, рамз ва номи ихтисос, муассисаи таълимӣ, шакл ва намуди таҳсил бо назардошти забон(ҳо)-и таҳсил дар ихтисос, бали гузариш дар ихтисос (ҳамчун натиҷаи озмуни тақсимот) ва бали бадастовардааш). Дар акси ҳол барои муқоиса танҳо дар бораи рӯйхати комбинатсия(ҳо)и ихтисос(ҳо)и интихобкарда, бал(ҳо)и гузариш дар он(ҳо) ва бали бадастовардаи довталаб маълумот дода мешавад.

Агар довталаб аз рӯйи ягон ихтисоси интихобкардааш комёб шуда бошад, бояд дар муҳлати муайяншуда ба муассисаи таълимии дахлдор ҳозир шавад.


Шумо аз рӯи интихоби №8 гузаштед!

НАМУНА

Натиҷаи тақсимот

| Бартарии интихоб | Ихтисос | Муассисаи таълимӣ | Намуди таҳсил | Шакли таҳсил | Мавҷудияти забони таҳсил | Бали гузариш | Бали бадастоварда |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 102030604-Забони фаронсавӣ. Забони англисӣ | ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ | рӯзона | ройгон | тоҷикӣ | 290.1772 | 205.8454 |
| 2 | 1230108-Рӯзноманигорӣ | ДМТ | рӯзона | ройгон | тоҷикӣ, русӣ | 320.2941 | 202.3639 |
| 3 | 102030602-Забони олмонӣ. Забони англисӣ | ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ | рӯзона | ройгон | тоҷикӣ | 302.5586 | 205.8454 |
| 4 | 121060102-Забонҳои муосири хориҷӣ (забони англисӣ-тарҷумон) | ДМТ | рӯзона | ройгон | тоҷикӣ | 394.2331 | 205.8454 |
| 5 | 1020306-Забони англисӣ | ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ | рӯзона | ройгон | тоҷикӣ | 308.6496 | 205.8454 |
| 6 | 1230109-Рӯзноманигории байналмилалӣ | ДМТ | рӯзона | ройгон | тоҷикӣ | 348.4729 | 202.3639 |
| 7 | 121050208-Забони хориҷӣ (забони англисӣ) | ДДЗТ ба номи Сотим Улуғзода | рӯзона | ройгон | тоҷикӣ | 339.5604 | 205.8454 |
| 8 | [illegible] | [illegible] | [illegible] | [illegible] | [illegible] | [illegible] | 205.8454 |

Ҳозиршавӣ ба муассисаи таълимӣ барои ҳуҷҷатсупорӣ на дертар аз 25-уми августи соли 2015!

**Расми 13.** Равзанаи “Натиҷаи тақсимот”